**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Раҳимова Манзурахон Аҳмадовна дар мавзуи «Асосҳои илмӣ-методии истифодаи осори классикон дар дарсҳои забони тоҷикӣ (синфҳои 8–9) ва мавқеи он дар инкишофи нутқи мураттаби хонандагон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3. — Педагогика, 5.3.5.3. — Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ**

Дар замони муосир таҳкими сиёсати давлатӣ дар самти маориф ва баланд бардоштани сатҳу сифати таълиму тарбия яке аз вазифаҳои меҳварии муассисаҳои илмӣ ва таълимӣ ба шумор меравад. Забони модарӣ ҳамчун алифбои ҳамаи илмҳо, фарҳанг ва заминаи асосии худшиносии миллӣ дар системаи таҳсилоти умумӣ мақоми хос дорад. Муаллиф дар баромади хеш бо такя ба андешаҳои забоншинос М. Қосимова дуруст таъкид мекунад, ки забони миллии мо заминагузори омӯзиши дигар фанҳо ва шукӯҳбахши сухани фасеҳ мебошад.

Мубрамияти пажӯҳиши Раҳимова М.А. дар он зоҳир мегардад, ки солҳои охир савияи забондонии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ боиси нигаронӣ гаштааст. Ин ҳолат тақозо менамояд, ки усулҳои куҳнаи таълим, ки баъзан танҳо ба ҳифз намудани қоидаҳои хушки грамматикӣ нигаронида шудаанд ва ба инкишофи нутқи иртиботии хонандагон мусоидат намекунанд, таҷдиди назар шаванд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо таъкид намудаанд, ки усули таълими забони модарӣ бар асоси шеваҳои куҳна қобили истифода набуда, бояд таҷдиди назар карда шавад. Рисолаи мазкур маҳз ба ҳалли ҳамин мушкилоти умумӣ ва миллӣ нигаронида шуда, роҳҳои истифодаи самараноки осори бузургони классикро ҳамчун воситаи асосии инкишофи нутқ ва парвариши табъи баланди хонандагон пешниҳод менамояд.

Навгонии илмии кори таҳқиқотии Раҳимова М.А. дар он аст, ки бори нахуст дар илми лингводидактикаи ватанӣ коркарди махсуси асосҳои илмӣ-методии таълими сиктаксиси ҷумлаҳои сода ва мураккаби забони тоҷикӣ дар асоси матнҳои осори классикони форсу тоҷик сурат гирифтааст. Таҳқиқот дар партави муносибати босалоҳият ба таълим анҷом ёфта, моҳияти аслии ин муносибатро дар заминаи маводи бадеӣ равшан намудааст. Муаллиф модели махсуси таълимиро пешниҳод кардааст, ки он ҳадафҳои дидактикӣ, иттилоотӣ, тарбиявӣ ва рушди тафаккури муҳассилинро муттаҳид месозад. Собит гаштааст, ки ин амсила ба хонандагон имкон медиҳад, ки ба фазои салоҳияти забонӣ ва коммуникативӣ дар сатҳи талаботи Стандарти давлатӣ амиқтар ворид шаванд.

Хусусан, таҳлили китобҳои дарсӣ ва барномаҳои таълимии синфҳои 8-9 нишон медиҳад, ки дар нашрҳои гуногун таваҷҷуҳ ба осори классикон тағйир ёфтааст. Муаллиф бо овардани рақамҳои дақиқ ва фоизи маводҳо дар китобҳои дарсӣ аз соли 1964 то 2020 нишон медиҳад, ки динамикаи рушди истифодаи осори классикон рӯ ба афзоиш дорад (дар нашрҳои охир дар синфи 8 ба 12% ва дар синфи 9 ба 20% расидааст). Ин таҳлил заҳмати зиёди омории таҳқиқотчиро собит месозад.

Қисмати амалии пажӯҳиш дорои эътимоднокии баланд аст. Озмоиши педагогӣ бо фарогирии 193 нафар хонандагони синфҳои болоӣ (98 нафар аз синфи 8 ва 95 нафар аз синфи 9) дар муассисаҳои таълимии №24, №12 ва гимназияи №2 ноҳияи Б. Ғафуров, инчунин МТМУ №6 шаҳри Хуҷанд гузаронида шудааст. Дар ин раванд 16 нафар омӯзгори ботаҷриба саҳм гузошта, дар байни 42 нафар муаллими забон ва адабиёт анкетаҳо ташкил карда шудааст, ки ин аз фарогирии васеъ ва илман асосноки таҷриба гувоҳӣ медиҳад.

Натиҷаҳои оморӣ нишон доданд, ки ташаккули салоҳиятҳои иртиботии хонандагони гурӯҳҳои озмоишӣ назар ба синфҳои назоратӣ ба ҳисоби миёна 15-25% баланд шудааст. Ин нишондиҳандаи калон исбот мекунад, ки модели

пешниҳодшудаи муаллиф самарабахш буда, шавқу рағбати хонандагонро ба омӯзиши қисмати наҳви забони тоҷикӣ зиёд мегардонад, захираи луғавии онҳоро бой мекунад ва маҳорати суханварии онҳоро ба низоми муайян медарорад.

Арзиши назариявии кор дар он аст, ки консепсияи ҳамгироии фанни забон ва адабиёти тоҷикро дар омӯзиши синтаксис устувор намуда, принсипҳои лингвистию услубии таҳлили матнҳои классикиро муайян сохтааст. Аҳаммияти амалии рисола ниҳоят баланд буда, маводи дидактикӣ, намунаи методҳо, машқу супоришҳо ва низоми таҳлили синтаксисиро дар синфҳои 8-9 фаро мегирад, ки бевосита метавонад аз ҷониби омӯзгорон дар ташкили бонизоми дарсҳо ва баланд бардоштани самаранокии машғулиятҳо истифода шавад.

Дар баробари арзиши баланди илмӣ ва методии таҳқиқот, баъзе эродҳо ва пешниҳодҳоро манзур кардан мумкин аст, ки барои такмили кори муаллиф хидмат хоҳанд кард:

1) Аз сабаби он ки матнҳои классикӣ дорои вожаҳои душворфаҳм ва заркории луғавӣ мебошанд, пешниҳод карда мешавад, ки методикаи кор бо луғатҳои тафсирӣ дар дарсҳои синтаксис васеътар инъикос ёбад.
2) Дар ва фишурдаи рисолаи илмӣ баъзе хатогиҳои имлоӣ, услубӣ ва нуқсонҳои техникӣ мавҷуданд, ки таҳриру ислоҳ мехоҳанд.

Камбудӣ ва норасоиҳои зикршуда арзиши комили илмӣ ва дастовардҳои назарраси диссертатсияи Раҳимова Манзурахон Аҳмадовнаро дар мавзуи «Асосҳои илмӣ-методии истифодаи осори классикон дар дарсҳои забони тоҷикӣ (синфҳои 8-9-ум) ва мавқеи он дар инкишофи нутқи мураттаби хонандагон» халалдор намекунад.

Рисолаи Раҳимова М.А. дар мавзуи «Асосҳои илмӣ-методии истифодаи осори классикон дар дарсҳои забони тоҷикӣ (синфҳои 8-9) ва мавқеи он дар инкишофи нутқи мураттаби хонандагон» як пажӯҳиши мукаммал ва мубрам

мебошад, ки ба яке аз масъалаҳои калидии методикаи таълими забони модарӣ бахшида шудааст. Таҳқиқоти мазкур ба талаботи рисолаҳои номзадӣ ҷавобгӯ буда, муаллифи он Раҳимова М.А. сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогика аз рӯи ихтисоси марбута мебошад.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, муаллифи диссертатсия Раҳимова Манзурахон Аҳмадовна сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3. — Педагогика, 5.3.5.3. — Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ мебошад.

**Муқарриз:**

номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи
методикаи таълими забон ва адабиёти
факултети филологияи тоҷики
ДДОТ ба номи С.Айнӣ Холбобоева Хосият Боймуродовна

Имзои н.и.п., дотсент Холбобоева
Хосият Боймуродовнаро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ Қодирзода Сайвалӣ Муҳибулло

**Суроғаи муассисаи пешбар:** 734003,
Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе,
хиёбони Рӯдакӣ, 121; Тел: +992 (37) 224 13 83,
+992(918) 65 71 94;
E-mail: info@mail.ru, www.tgpu.tj
“07” сентябри соли 2026